# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир дар мавзуи «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот. – Хуҷанд, 2026. – 383 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Раванди ташаккули арзишҳои миллӣ, аҳаммияти онҳо дар ташаккули шахсияти насли наврасу ҷавон, ба урфу одатҳо, анъанаҳо, қоидаҳои рафтор ва маросими миллӣ ошно намудани онҳо ба омӯзиши амиқу ҳамаҷонибаи қонуниятҳои муосири танзимкунандаи масъалаҳои таълиму тарбияи наврасону ҷавонон бо мақсади истифодаи натиҷаҳои бадастомада ҷиҳати ташкили корҳои тарбиявӣ дар муассисаҳои таълимии кишвар ниёз дорад.

Барои ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон, рушди низоми миллии таҳсилот ба таҷрибаи таърихии миллат, асосҳои илмӣ-педагогии таълиму тарбия ва афкори педагогии ниёгон такя бояд кард. Бояд зикр намуд, ки баррасии нақши арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар тарбияи ахлоқии наврасону ҷавонон дар ҷомеаи имрӯза зарур ва мубрам мебошад.

Диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир ва муҳтавои он ба шиносномаи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла ба банди 1. Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ (корҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва татбиқпазирии онҳо; характери диалектикии алоқаи мутақобилаи илми педагогика ва амалияи таълим), банди 2. Таърихи рушди илми педагогика ва амалияи таълим (рушди таърихии амалияи таҳсилот; ташаккул ва рушди афкор; консепсияҳо, назарияҳо; омӯзиши монографияи мероси педагогии омӯзгорони маъруфи замони гузашта; таърихи этнопедагогика), банди 5 – Назария ва косепсияҳои тарбия (омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии тарбия; шаклҳо, принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; асосҳои арзишии

ташаккули раванди таълим, низомҳои педагогии тарбия) мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Муҳимияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Аҳмадзода Зулфия Кабир аз он иборат аст, ки довталаби дараҷаи илмӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва саривақтии рушди илми педагогаро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Бояд қайд кард, ки ҷавҳари афкори педагогии ниёгон дар таҳкими рукнҳои маънавии давлатдории миллӣ, ҳувияти миллӣ, афзудани ифтихори миллӣ, хештаншиносӣ, ташаккули тафаккури созандагию бунёдкории мардум, инчунин, дар бунёди ҷомеаи ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ бениҳоят нақши назаррас мегузорад.

Муаллифи диссертатсия ҳангоми таҳқиқу баррасии арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ба самтҳои мушаххаси сиёсӣ, педагогӣ, фалсафӣ, динӣ ва иқтисодию иҷтимоии масъалаи мавриди таҳқиқ таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардааст, ки аз мавқею манзалати натиҷаҳо он қоидаҳои рафтору муқаррарот, арзиши урфу одат, маросиму анъана ва дигар масъалаҳои ба мавзуи кори диссертатсионӣ мутааллиқ ошкору муайян карда мешавад.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки: «барои рушду ташаккули ҳамаҷонибаи низоми миллии таҳсилот бояд ба таҷрибаи таърихии миллат, инчунин, асосҳои илмӣ-педагогии таълиму тарбия такя кард». Ҳамзамон, таъсири истифодаи бемавриди расонаҳои интернетӣ ба косташавии фаъолиятҳои таълимию тарбиявии наврасону ҷавонон мушоҳида мегарданд, ки ин ҳолат ба мушкилоти ҷиддӣ табдил ёфтааст.

Диссертатсия бо таҳлили фарогир ба омӯзиши равишҳои педагогӣ ва методологии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон зимни истифодаи афкори педагогии ниёгон аҳамияти назаррас дорад.

Муҳаққиқ бо асоснокии илмӣ нишон медиҳад, ки истифодаи афкори педагогии ниёгон на танҳо арзишҳои миллии насли наврасу ҷавонро ташаккул медиҳад, балки ҷанбаҳои тарбиявӣ, фарҳангӣ, сотсиологӣ ва психологиро низ дар таълиму тарбияи насли ояндасози миллат фаро мегирад.

Масъалаи тарбияи наврасону ҷавонон дар ҳама давру замон барои муҳаққиқон, олимон ва мутафаккирони гузаштаю ҳозира яке аз

масъалаи мубрам ва ҳаррӯзаи ҳаёт ба шумор мерафт ва меравад. Аз ин рӯ, барои ҷустуҷӯйи роҳи ҳалли мушкилоти илми педагогика омӯзиши ҳаматарафаи мероси таърихии гузаштагон, ғояҳо ва андешаҳои педагогии маорифпарварон, муҳаққиқон, файласуфон, инчунин, роҳу усули таълиму тарбияи дар асарҳои мутафаккирони халқ мавҷудбуда лозим аст.

Мавриди зикр аст, ки дар осори классикон омадааст, ки кӯдаконро дар руҳияи ахлоқи воло, меҳнатдӯстию башардӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, муҳаббат ба Ватан, фидокорӣ дар роҳи шукуфоии Ватан ва хоксорӣ бояд тарбия кард.

Ҳамин тавр, далелҳои дар боло зикргардида мубрамии таҳқиқоти довталаби дараҷаи илмиро муайян кардааст ва дар робита асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарии насли наврасу ҷавон дар истифодаи ғояҳои педагогии ниёгон мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

Ба таври умум, диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир мавзуи мураккаб ва мубрами педагогикаи муосирро таҳлил намуда, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Маводи таҳқиқот барои рушди раванди таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон вобаста ба эҳтирому арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ба роҳ мондани усулҳои муассири таълим метавонад истифода шавад. Бо назардошти ин, диссертатсия муҳтавои пурра ва асоснок дошта, арзандаи дифоъ мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

Навгонии илмии таҳқиқот дар муқаррар намудани аҳамияти ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва пайванди он зимни истифодаи афкори педагогии ниёгон зуҳур меёбад.

Кори довталаб дорои навгонии баланди илмӣ мебошад, ки онро дар якчанд ҷанбаи муҳим метавон арзёбӣ кард:

– нақши арзишҳои педагогии миллӣ ва умумибашарӣ. Унвонҷӯ бори аввал нақши арзишҳои педагогии миллӣ ва умумибашариро вобаста ба рушди таърихӣ, дар ташаккулёбии ахлоқ ва маънавияти

насли наврасу ҷавон, чун асосии тарбияи шаҳрванди нави Тоҷикистони соҳибистиқлол асоснок кардааст.

– асосноксозии назариявии раванди дар насли наврасу ҷавони тоҷик ташаккулёбии арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ. Муҳаққиқ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ташаккулёбии арзишҳои миллӣ ва умумибашариро дар такя ба мероси педагогии мутафаккирони асримиёнагӣ ироа намуда, бори аввал низоми татбиқи амалии он ва асосноксозии назариявии ин равандро дар насли наврасу ҷавони тоҷик таҳлил ва муайян кардааст.

– бори аввал консепсияи дар насли наврасу ҷавони мамлакат ташаккулёбии арзишҳои миллӣ ва умумибашарии ба ғоя ва андешаҳои педагогии мутафаккирони асримиёнагӣ асосёфта аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ таҳия ва барои истифодаи амалӣ пешниҳод гардидааст.

– ворид намудани назарияи нави ҳамгироии тарбияи анъанавӣ ва миллӣ бо тарбияи замонавӣ: Бори нахуст назарияи нави ҳамгироии тарбияи анъанавӣ ва миллӣ бо тарбияи замонавӣ дар дидактика ворид карда мешавад, ки он насли наврасу ҷавонро фаро мегирад. Ин усул арзишҳои миллиро дар заминаи рушди муосири педагогика барои устувор нигоҳ доштани он мусоидат мекунад.

Дар ин таҳқиқот, муаллиф бори нахуст консепсияи дар насли наврасу ҷавони мамлакат ташаккулёбии арзишҳои миллӣ ва умумибашарии ба ғоя ва андешаҳои педагогии мутафаккирони асримиёнагӣ асосёфта, инчунин, асосноксозии назариявии раванди дар насли наврасу ҷавони тоҷик ташаккулёбии арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ва масъалаи ворид намудани назарияи нави ҳамгироии тарбияи анъанавӣ ва миллӣ бо тарбияи замонавиро дар доираи педагогикаи муосир асоснок менамояд.

Нуқтаҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳашт банд пешниҳод шудаанд, дар баробари бархурдорӣ аз тозагӣ, муҳимму мубрам будан, инчунин, ҷусторҳову ковишҳои дақиқи муаллифи диссертатсияро шарҳу тафсир мекунанд, ки дар асоси мутолиаи пурра ва амиқи осори мавриди таҳқиқи ӯ ба даст омадаанд. Зеро ба таъкиди муаллифи диссертатсия ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу

ҷавон, бахусус дар истифода зимни афкори педагогии ниёгон, як самти муҳимми пешрафти низоми таълим ба шумор меравад.

Қобили зикр аст, ки довталаби дараҷаи илмӣ на танҳо ба масъалаҳои назариявӣ, балки ба татбиқи амалии натиҷаҳои бадастомада низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.**

Диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир дар мавзуи «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» аз нигоҳи эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ дар сатҳи баланди илмӣ қарор дорад. Таҳқиқоти пешниҳодшуда аз нуқтаи назариявӣ ва методологӣ ҷиҳати муқаррарот бо асоснокии худ мувофиқ, бо мавзуъ ва предмети таҳқиқот комилан муносиб буда, ба истифодаи самараноки афкори педагогии ниёгон дар ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон мусоидат мекунанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ таҳқиқоти диссертатсионии худро ҷиҳати асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия дарҷгардида чунин исбот кардааст: «таҳқиқоти таърихию педагогӣ аз рӯйи методикаи дар амал санҷидашуда анҷом дода шудааст». Муаллифи диссертатсия дар раванди таҳқиқот ба маҷмуи хеле зиёди маводе муроҷиат кардааст, ки тибқи ҳадаф ва вазифаҳои рисолаи илмӣ мавриди коркард, таҳлил ва ҷамъбаст қарор дода шудаанд. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз лиҳози илмӣ асоснок гардида, дар такя ба асли таърихгароӣ коркард ва манзур шудаанд.

Муҳаққиқ асоснокии натиҷаҳои таҳқиқотро дар муқаррарот ва хулосаву тавсияҳо ифода намуда ва онро ҳамчун муносибати маҷмуӣ оид ба мушкилот, шоистагии усули таҳқиқот, мақсаду вазифаҳо, ҳамбастагии усули сифатӣ ва миқдории таҳқиқот ва корҳои таҷрибавию озмоишӣ ташкил додааст.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия:** Диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир таҳти унвони «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» дар ҳаҷми 383 саҳифа таҳия шуда, иборат аз муқаддима, панҷ

боб, хулоса, рӯйхати адабиёт, тавия ва замимаҳо, инчунин, адабиёти истифодашуда фарогири 404 номгӯй мебошад.

Муқаддимаи диссертатсия масъалаи мубрамияти аҳаммияти мавзуи таҳқиқшавандаро асоснок карда, дараҷаи омӯзиши онро шарҳ медиҳад. Дар он объекту мавзуи таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назарию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назарию амалии он муайян карда шудаанд.

Боби 1-уми диссертатсияи «Асосҳои таърихии ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарии халқи тоҷик» номгузорӣ шуда, аз се зербоб иборат мебошад:

Зербоби якум ба масъалаи тавсифи умумии арзишҳои ахлоқии миллӣ ва умумибашарӣ бахшида шудааст. Муаллиф тавсифи умумии арзишҳои ахлоқии миллӣ ва умумибашариро ҳамчун омили муҳимми ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон муаррифӣ карда, ақидаҳои олимони барҷастаро таҳлил ва рӯйи кор меорад.

Зербоби дуюм «Асосҳои пайдоиш ва инкишофи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ» номгузорӣ шудааст. Муаллифи таҳқиқот зикр кардааст, ки: «Арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, ки дар як давраи муайяни таърихӣ ба вуҷуд омадаанд, дар назарияҳои илмию сиёсӣ, осори ҳунарӣ, принсипҳои ахлоқу одоб ва зиндагии мардум, бешубҳа, осори худро хоҳанд гузошт». «Ҳамзамон бо ташаккул ва мураккаб шудани муносибатҳои ҷамъиятӣ доираи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ густариш ёфта, ҳадафҳо, вазифаҳо ва ҷанбаҳои онҳо, ки сарнавишти инсон, ҳаёти имрӯзу ояндаи ӯро муайян мекунанд, тағйир меёбад», қайд мекунад муаллифи диссертатсия.

Дар зербоби сеюм муаллиф мафҳуми анъана ва расму оинҳо ҳамчун арзишҳои ахлоқии миллӣ ва аҳамияти онҳо дар тарбияи ҷавонони донишҷӯро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Боби 2-юми диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир «Пайдоиш ва рушди андешаҳои педагогии ниёгон ва нақши онҳо дар рушди педагогикаи муосири тоҷик» номгузорӣ шудааст. Ин боб аз се зербоб иборат мебошад:

Зербоби 1 дар бораи зуҳур ва рушди афкори педагогии мутафаккирони тоҷик маълумот медиҳад.

Зербоби 2 масъалаи зуҳур ва рушди афкори педагогии мутафаккирони тоҷикро таҳқиқ ва баррасӣ менамояд.

Зербоби 3-и боби мазкур ба ғояҳои мутафаккирони тоҷик дар бораи ташаккули шахсият дар раванди таълиму тарбия бахшида шудааст.

Боби 3-юми диссертатсия ба Арзишҳои ахлоқию маънавии таълиму тарбия дар осори ниёгони халқи тоҷик бахшида шудааст. Дар ин боб дар бораи аҳамияти фарҳангӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон зимни истифодаи афкори педагогии ниёгон амиқтар таҳлил гаштааст ва аз се зербоб иборат аст:

Зербоби 1 масъалаи асосҳои тарбия ва ҷаҳонбинии дунявиро ҳамчун зербинои таълиму тарбияи муосир таҳлилу баррасӣ мекунад.

Дар зербоби 2-и боби мазкур, муаллиф ба қобилият ба меҳнат ҳамчун асоси рушди маънавии инсон ва шаҳрванди муосир диққат додааст.

Зербоби 3 ба тарбияи арзишҳои оилавӣ – ҳамчун асоси рушди устувори ҷомеаи муосир бахшида шудааст.

Дар маҷмуъ, боби сеюми диссертатсия нишон медиҳад, ки муҳаққиқи кори илмӣ на танҳо ба ҷанбаҳои арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон, балки ба ташаккули ҳамаҷонибаи шахсият тавассути воситаҳои миллии тарбия низ диққат додааст.

Боби 4-уми диссертатсия ба масъалаи нақши андешаҳои педагогии ниёгон дар ташаккули арзишҳои миллию инсонии насли наврасу ҷавон бахшида шудааст. Ин боб аз ду зербоб иборат мебошад:

Зербоби 1 ҳамгироии арзишҳои афкори педагогии ниёгонро дар ташаккули ахлоқи насли наврасу ҷавонон таҳлил ва баррасӣ мекунад.

Дар зербоби 2 муаллиф ба ҳувияти миллӣ ва ҳамгироии он ба арзишҳои ахлоқии умумибашарии насли наврасу ҷавон диққати махсус додааст.

Боби 5-уми диссертатсия ба таҳлили ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарии насли наврасу ҷавон бо истифода аз ғояҳои педагогии ниёгон дар шароити муосир бахшида шудааст. Ин боб аз ду зербоб иборат мебошад.

Зербоби 1 ба равандҳои демократикунонии ҷомеа ва таъсири онҳо ба ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарии насли наврасу ҷавон бахшида шудааст.

Муаллиф дар зербоби 2 аҳамияти татбиқи ақидаҳои педагогии ниёгон дар низоми таҳсилоти муосирро мавриди таҳлил қарор додааст.

Дар маҷмуъ, муаллиф дар боби панҷуми таҳқиқоти диссертатсионӣ дар бораи масъалаи таҳлилу баррасии равандҳои демократикунонии ҷомеа, таъсири онҳо ба ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон ва аҳамияти татбиқи ақидаҳои педагогии ниёгон дар низоми таҳсилоти муосир маълумот пешниҳод намудааст.

Муаллиф бо таҳлили амиқ, асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷиро баррасӣ карда, пайвастагии таҳқиқоти худро бо стратегияҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад.

Хулоса, диссертатсияи мариди таҳқиқ қарордошта, бо таҳлили амиқи илмӣ ва методологии худ, арзиш ва аҳамияти амалӣ дорад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

Мавзуи диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир таҳти унвони «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» дорои аҳамияти назарраси илмӣ, амалӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Хулосаи пешниҳодшуда натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро ба таври возеҳу мухтасар ҷамъбаст намуда, аҳамияти бузурги масъалаи асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавонро тавассути истифодаи афкори педагогии ниёгон таъкид менамояд.

Аҳамияти илмӣ. Натиҷаҳои таҳқиқот ба рушди илми педагогика, бахусус самти назария ва методикаи таълиму тарбия, саҳми босазо мегузоранд, аз ҷумла:

- муаллиф бори нахуст консепсияи дар насли наврасу ҷавони мамлакат ташаккулёбии арзишҳои миллӣ ва умумибашарии ба ғоя ва андешаҳои педагогии мутафаккирони асримиёнагӣ асосёфта, инчунин, асосноксозии назариявии раванди дар насли наврасу ҷавони тоҷик ташаккулёбии арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ва масъалаи ворид намудани назарияи нави ҳамгироии тарбияи анъанавӣ ва миллӣ бо

тарбияи замонавиро дар доираи педагогикаи муосир асоснок менамояд. Ин қадам як дидгоҳи навро дар илми педагогика пешниҳод мекунад, ки барои насли наврасу ҷавон муҳим аст.

Аз ҷиҳати амалӣ, натиҷаҳои диссертатсия метавонанд барои омӯзгорон, муаллимони фаннӣ, методистон ва кормандони соҳаи маориф дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, воситаҳои таълимӣ, дастурҳои методӣ ва маводҳои таълимӣ истифода шаванд. Илова бар ин, таҳқиқот метавонад барои ташкили курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон дар самти асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон тавассути истифодаи афкори педагогии ниёгон дар таълим муфид бошад.

Аз ҷиҳати иҷтимоӣ, таҳқиқот метавонад ба баланд бардоштани сатҳи саводнокии насли наврасу ҷавон ва ҷомеа вобаста ба истифодаи афкори педагогии ниёгон дар ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон мусоидат намояд.

Хулоса, диссертатсия аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии баланд дошта, натоиҷи он метавонанд дар раванди таълим, рушди педагогикаи миллӣ ва ташаккули худшиносии миллӣ татбиқ шавад. Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия на танҳо арзиши баланди илмӣ доранд, балки заминаи мустаҳкамро барои татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳифзи мероси миллии кишвар фароҳам меоранд.

Муаллиф таҳқиқоти мукаммал анҷом дода, заминаи муҳимми илмӣ ва амалиро барои ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон фароҳам овардааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Қобили қайд аст, ки нуктаҳои асосӣ, хулоса ва тавсияҳои таҳқиқот дар 3 монография, 2 дастури таълимӣ, 54 мақолаи илмӣ интишор гардидаанд. Ин нишондиҳандаи ҳамаҷониба ва муфассали коркарди мавзуъ буда, имконияти шиносоии васеи ҷомеаи илмиро бо натиҷаҳои бадастомада таъмин менамояд.

Аз ҷумла, интишори 22 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан муҳим аст. Ин далели қатъӣ

аз эътирофи илмии натиҷаҳои диссертатсия аз ҷониби коршиносони соҳа буда, аз сифати баланд ва аҳамияти илмии таҳқиқот гувоҳӣ медиҳад. Чунин нашрияҳо кафолати эътибор ва саҳми арзишманди кор дар рушди илм мебошанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:**

Тартиби таҳияи диссертатсия мутобиқ ба талаботи Дастурамал оид ба барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ – доктори фалсафа (PhD), номзади илм ва доктори илм таҳия шудааст.

Матни диссертатсия мутобиқ ба муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493 тасдиқ шудааст равон, дақиқ ва бо забони тоҷикӣ ба таври босаводона таҳия гардида, сохтори он, ҷойгиркунии қисмҳои гуногун, пайвасти мантиқӣ ва муттасилии маводи илмӣ пурра риоя шудааст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои техникӣ, имлоӣ, оморӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар қисматҳои муайяни матн ифодаҳои такрорӣ ва ибораҳои умумии бе мазмуни таҳлилӣ дида мешаванд, ки таъсири зеҳнӣ ва фаҳмоии муҳтавои илмиро коҳиш медиҳанд.
2. Сатҳи истифодаи маълумоти оморӣ, ҷадвалҳо ва диаграммаҳо метавонад васеътар ва таҳлилгаронатар бошад.
3. Қисме аз тавсияҳо метавонанд бо мисолҳои мушаххаси татбиқ дар муҳити таълимии кишвар тақвият дода шаванд, то таъсири амалиашон равшантар гардад.
4. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ вуҷуд доранд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикргардида, дар маҷмуъ аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир дар мавзуи «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31,33,34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

Сабурӣ Хайрулло Мирзозода

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, маҳаллаи 18, бинои 3, хонаи 108
Тел.: (+992) 92 847 76 07
E-mail: saburov.67@mail.ru

17.06.2025

Имзои Сабурӣ Хайрулло Мирзозодаро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

Сайдуллозода З.С.

Суроғаи муассиса: 735700, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1
Тел.: (992-3422) 6-52-73
E-mail: rector@hgu.tj